**Тақриз**
**ба автореферати Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04.- Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

Тибқи анъана ҳадафҳои таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ дастрас намудани дониш ва маҳорату малакаест, ки хатмкунанда бояд аз худ намояд. Вале имрӯз чунин муносибат, яъне фақат аз худ кардани донишу малакаву маҳорат кофӣ нест. Имрӯз ҷомеа на ба ҳамадонҳои сергап ниёз дорад, балки ба шахсиятҳое муҳтоҷ аст, ки дар раванди зиндагӣ фаъол бошанд, мушкилоти ҳаётӣ ва касбии худро мустақилона ҳал карда тавонанд. Ва вазифаи муассисаи таълимӣ низ омода кардани хатмкунандагонест, ки ҳангоми мувоҷеҳ шудан ба ҳолатҳои сангин роҳҳои ҳалли мушкилотро худашон ёфта тавонанд, оқилонаву сарфакорона рафтор намуда, қарори қабулкардаи хешро асоснок кунанд.

Аммо ин бештар ба донишҳои андӯхта вобаста набуда, балки ба сифатҳои иловагие робита дорад, ки барои ифодаашон мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро истифода мебарем. Ин ду истилоҳи ҳампоя имрӯз, бешак, ифодакунандаи ҳадафҳои таҳсилотදониста мешаванд.

Вазифаи асосии низоми муосири таҳсилот ташкили шароити мувофиқ барои омӯзиши босифат ба шумор меравад. Воридсозии раҳёфти салоҳиятнок шарти муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот аст. Назар ба андешаи олимону педагогони муосир, ба даст овардани малакаҳои ҳаётан муҳим, яъне салоҳиятҳо ба одамон имкон медиҳад, ки мақоми худро дар ҷомеа пайдо намуда, устувор созанд, ҳам зудамал бошанд ҳам ба талаботи замон ҷавоб гуфта тавонанд.

Раҳёфти босалоҳият дар таҳсилот бо рӯйкарди амалкунандаи шахсиятгаро робита дошта, ба шахсият ва фароянди фаъолияти мушаххаси ҳар хонанда дахолат мекунад. Дар ин робита дар раванди

имрӯзаи фаъолияти педагогӣ нақши омӯзгорони салоҳиятноки касбӣ ба таври чашмгир меафзояд, хонанда ва фаъолияти ӯ ба меҳвари асосии таҳсилоти мактабӣ табдил меёбад.

Мавзуи интихобнамудаи муаллифи автореферат Бобоева Зарнигор Тоҳировна аз мавзуъҳои муҳиммест дар таълими осори классикон, бахусус, адиби барҷастае чун  Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ. Осори тарбиятӣ ва андешаҳои созандаи ин адиби бузург дар барномаи таълимии гузаштаву имрӯз ҳамчун китоби дарсӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд ва зарурати омӯзиши онҳо дар автореферати мазкур баён гардидааст.

Муаллиф дар автореферат доир ба **дараҷаи таҳқиқи мавзуъ таваққуф** намуда,таҳқиқоту таълифоти анҷомшударо вобаста ба он мавриди ёдрасиву баррасӣ қарор дода,онҳоро ба таври воқеӣ арзёбӣ намудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ** ногусастанӣ буда, пажӯҳиш дар маҳдудаи фаъолияти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии МДТ “ДДХ”-и ба номи академик Бобоҷон Ғафуров анҷом пазируфтааст ва дорои эътибори хосси илмист.

Муаллиф дар тавсифи умумии кор оид ба мақсади таҳқиқот,вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои умумии методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола, маълумоти фишурдаи боэътимод ироа намудааст.

Унвонҷӯ таҳти унвони “Муҳтавои асосии диссертатси” пас аз баёни зарурат, аҳамият... ба ташреҳи муҳтавои бобҳои диссертатсия пардохта, натоиҷи таҳқиқоти анҷомдодаи худро ҳамчун фаъолияти густурдаи самарабахши корбурди раҳёфти босалоҳият дар таълими мавзуи матлуб бо далелҳои илмӣ ва амалии раднопапазир муаррифӣ менамояд.

Дар қисмати хулосаи пажӯҳиш натиҷаҳои озмоиш бо риояи талаботи зарурӣ оварда шудааст. Метавон гуфт, ки пажӯҳиши мавзуи номбурда тибқи талаботи раҳёфти босалоҳият дар омӯзиши фанни адабиёти тоҷик хуб анҷом дода шудааст.

Ҳамзамон, матни автореферат аз камбудиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ холӣ нест, ки албатта қиммати таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд, вале бояд ислоҳ шаванд.

**Муқарриз:**
мудири шуъбаи коркард,
татбиқи технологияи
инноватсионии таълими
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Амонов С.

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон-1, Хонаи №859

Имзои Амонов С.- ро тасдиқ мекунам:
Нозири кадр ва коргузори Пажӯҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони
Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.

Суроға:
734063,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.А.Адҳамов 11/2
Тел: (+992 227 49 95)
h.amoni @mail.ru

«30» 04 2024